# ҚАРОРҲОИ ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№5**

**аз 12 декабри соли 2002** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо**
***(бо тағйиру иловаҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 24 феврали соли 2005, №2, аз 23 июни соли 2010, №15 ва аз 23 ноябри соли 2012, №28 ворид карда шудаанд)***

Дар шароити афзоиши муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳо ва вобаста ба онҳо содиршавии ҷиноят, дар назди мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ва судҳо ҳалли масъалаи муҳими дуруст татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятие, ки барои содир намудани ин ҷиноятҳо ҷавобгариро муқаррар намудаанд, қарор дорад.

Таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки судҳои ҷумҳурӣ хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятҳои мазкурро дарк намуда, барои объективона ва ҳаматарафа баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятии бо анвои нашъа алоқамандбуда, муайян намудани сабабу шароитҳое, ки ба содир шудани ин ҷиноятҳо мусоидат намудаанд, чораҳо андешида истодаанд. Дар баробари ин, судҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои категорияҳои қайдшуда, дар бандубасти кирдори гунаҳгорон ба хатогиҳо роҳ медиҳанд, на ҳама вақт ҷазои ба кирдор ва шахсияти гунаҳгор муносибро таъин карда, барои ошкор ва тавқиф (арест) кардани воситаҳои нақлиёте, ки ҳамчун олоти ҷиноят истифода шудаанд, инчунин даромади гунаҳгор, ки дар натиҷаи ҳаракатҳои ҷинояткоронааш ба даст овардааст, чораҳо меандешанд.

Судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ бошанд, на ҳама вақт хатогиву камбудиҳои судҳои поёниро, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии анвои нашъа, роҳ додаанд, ошкор ва бартараф менамоянд.

Бо назардошти масъалаҳои дар таҷрибаи судӣ ба вуҷудоянда ва бо мақсади татбиқи дурусту яксони қонунгузории марбут ба ҷавобгарӣ оиди ҷиноятҳои ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо, бар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -

**Қ А Р О Р   К А Р Д:**

Тавзеҳоти дастурии зерин дода шавад:

1. Тавaҷҷӯҳи судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки миқёс ва тамоюли зиёдшавии муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ барои саломатӣ ва беҳзистии одамон таҳдиди ҷиддӣ дошта, ба асосҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ҷомеъа таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ҳамин, бо мақсади риояи ҷиддии қонунгузорие, ки барои ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр кардан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан, тасарруфи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо, ҷавобгариро муқаррар намудааст, ба

судҳо лозим аст, ки савияи мурофиаҳои судиро баланд бардошта, таҳқиқи ҳаматарафаву дақиқи ҳамаи ҳолатҳои кор, ошкору бартараф намудани сабабу шароитҳоеро, ки барои содиршавии ҷиноятҳои мазкур мусоидат намудаанд, таъмин намоянд.

Судҳо бояд муайян намоянд, ки оё аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ барои муқаррар кардани ҳамаи иштирокчиёни ҷиноят, ошкор намудани ташкилкунандагони гурӯҳҳои ҷиноятпеша, сарчашмаҳои ба даст овардани воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ва роҳҳои ба соҳибияти каси дигар додани онҳо чораҳои зарурӣ андешида шудааст ё не? Инчунин дар қарори ба сифати айбдоршаванда ҷалб намудан ва фикри айбдоркунӣ аломатҳои бандубасткунандаи дар моддаҳои 200-205 Кодекси ҷиноятии (минбаъд КҶ) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда нишон дода шудаанд ё не? Дар сурати нопурра будани тафтишоти пешакӣ, ки пурра кардани он дар мурофиаи судӣ имконнопазир мебошад, парвандаҳо бояд ба тафтишоти иловагӣ баргардонида шаванд.

Аз сабаби он, ки барои ҷиноятҳои бо муомилоти ғайриқонунии маводҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо алоқамандбуда, ҷазои иловагии мусодираи молу мулк пешбинӣ шудааст, ба мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судҳо лозим аст, ки вазъияти молумулкии гунаҳгорро санҷида, амволи мусодирашавандаи ӯро ба рӯйхат гирифта, ҳамчунин барои ошкор ва тавқиф (арест) намудани даромадҳое, ки аз муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо ба даст овардааст, чораҳо андешида, бо ин иҷроиши ҷазои иловагиро дар намуди мусодираи амвол таъмин намоянд.

2. Ҳангоми муайян намудани мафҳум ва номгӯи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо, бояд аз Конвенсияи ягона оид ба воситаҳои нашъадори соли 1961, Конвенсия оид ба моддаҳои психотропии соли 1971, Конвенсияи Ташкилоти Милали Муттаҳид оиди мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропии соли 1988, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо” аз 10 декабри соли 1999, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №390 аз 21 сентябри соли 2000 “Дар бораи тасдиқи Руйхати миллии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо” бо тағйиротҳои ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №333 аз 31 августи соли 2002 воридкардашуда (минбаъд Руйхати миллӣ), истифода намуд.

Номгӯи воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бо нишон додани миқдорашон бо андозаҳои калон ва махсусан калон, бо фармони Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди назорати анвои нашъа аз 5-уми сентябри соли 1998 №23 (минбаъд Номгӯй), муқаррар гардидааст.

Бо назардошти он, ки барои муайян кардани намуди ин воситаҳо ё моддаҳо (нашъадор, психотропӣ ё прекурсорҳо), ном ва хусусияти онҳо аз рӯи дараҷаи таъсирнокиашон ба бадани одам, ба вуҷуд омадан, тарзи тайёркунӣ ва коркард, ҳамчунин барои муайянсозии ба кадом намудҳои растаниҳои воситаҳои нашъадор тааллуқ доштанашон, андозаи онҳо назарияи махсус талаб карда мешаванд, судҳоро лозим аст, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои категорияи мазкур дар ихтиёри худ хулосаҳои экспертизаҳои дахлдорро бо ҳисоботи хароҷотҳои судӣ оиди гузаронидани ин экспертизаҳо дошта бошанд.

Дар баробари ин, дар назар доштан лозим аст, ки чун қоида ба таҳқиқи экспертӣ бояд миқдори умумии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳое, ки гирифта (ошкор карда) шудаанд, пешниҳод карда шаванд. Дар сурати гирифтани миқдор ё андозаи калони воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо, ба таҳқиқи экспертӣ намунаҳои аз ҷониби мутахасис - эксперт гирифташуда, пешниҳод карда мешаванд.

3. Таҳти мафҳуми муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо бояд кирдори ғайриқонунӣ, яъне ҷазои ҷиноятӣ доштаи бе иҷозати дахлдори мақомоти салоҳиятнок, ба истеҳсол, тайёр кардан, коркард, соҳиб шудан ихтиёрдорӣ ва идоракунии воситаҳои зикргардида равонакардашуда фаҳмида шавад.

а) Таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ тайёр кардани воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ бояд, ҳамагуна кирдори барқасдонае, ки аз ҷониби гунаҳгорон бо вайрон намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон содир гардида барои ба даст овардани воситаҳои

нашъадор моддаҳои психотропӣ равона шудааст ё як воситаи нашъадор, моддаи психотропӣ мувофиқан ба дигаре табдил дода шудааст, ки он ба Руйхати миллӣ дохил карда шудааст, фаҳмида шавад.

Тағйир додани шакли худи ҳамон як намуди воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (майда-майда кардан, дар шаклҳои гуногун фушурда ҳаб кардан, хамира намудан ва ғ.), тайёр кардан ба ҳисоб намеравад.

Таҳти мафҳуми истеҳсоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ, бояд кирдорҳое, ки ба паи ҳам ҳосил кардани ин мавод равона шудаанд, фаҳмида шавад.

б) Таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ коркарди воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бояд содир намудани кирдори барқасдонае, ки бо риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соф кардани (аз омехтагиҳо тоза кардан) омехтагиҳои сахт ва моеъи дар таркибашон як ё якчанд воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропидошта, ё ин ки дар омехтагиҳо (доругӣ) афзун гардонидани махлути воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ равона карда шудаанд, фаҳмида шавад.

Хушконидан, майда-майда кардан, ҷудо кардани қисм ва дигар намудивазкунии худи ҳамон як навъи зироатҳои нашъадор, коркард ба ҳисоб намеравад. (Ба ғайр аз ҳолатҳои аз ин воситаҳои нашъадор дигар намуд ҳосил кардан). Барои дуруст ҳал кардани масъалаи дар кирдори судшаванда (айбдоршаванда) ҷой доштан ё надоштани таркиби тайёр кардан ё коркарди воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ, судҳо чун қоида бояд оиди намуди воситаҳо ва моддаҳои ҳосил кардашуда, номи он, вазнаш, тартиби тайёр кардан ё коркарди он хулосаи экспертро дошта бошанд.

Ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр кардан ва ғайриқонунӣ коркарди воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропиро бояд аз оғози содир намудани кирдоре, ки ба гирифтани воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропии барои истифода ва истеъмол тайёршуда, ё ин ки ба соф кардан ё дар доругӣ баланд бардоштани омехтаи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ равона шудаанд, ҳамчун ҷинояти тамомшуда банду баст карда шавад.

в) Ғайриқонунӣ соҳиб шудани воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо, бояд харидани онҳо, ба сифати василаи ҳисоббаробаркунии тарафайн барои кори анҷомдодашуда, ёрии расонидашуда ё дар пардохти қарз, ба ивази дигар молҳо ва анҷомҳо, қарз ё тӯҳфа гирифтан, азхудкунии анвои ёфташудаи онҳо, ҷамъ кардани зироатҳои худрӯйи дорои воситаҳои нашъаовар ё қисмҳои ин растаниҳо (аз он ҷумла дар қитъаҳои заминҳои кишоварзӣ ва дигар корхонаҳо, ҳамчунин дар қитъаҳои заминҳои шаҳрвандон, агар ин растаниҳо кошта ё парвариш карда нашуда бошанд), боқимондаҳои онҳо дар саҳроҳои ҳифзнашавандаи кишти зироатҳои нашъадор, баъд аз ба охир расидани ҷамъовариашон ва ғайраҳо ҳисоб карда шавад.

г) Таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ нигоҳ доштан бояд ҳамагуна кирдори барқасдонае, ки бо воқеъан будани воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ дар гунаҳгор (дар худ, агар ин ба интиқол додани онҳо дар бино, махфигоҳ ва дигар ҷойҳо вобаста набошад) алоқаманд мебошад, фаҳмида шавад. Ҷавобгарӣ барои ин кирдор новобаста аз давомнокии он ба миён меояд.

д) Таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ интиқол додан бояд кирдори барқасдонаи аз як ҷой ба ҷои дигар, аз он ҷумла, аз ҳудуди худи ҳамон як нуқтаи аҳолинишин гузаронидани (кашонидани) воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо, фаҳмида шавад, ки бо истифода аз ҳамагуна воситаҳои нақлиёт содир шуда бошад.

Аз тарафи шахс ҳангоми сафар барои истеъмоли шахсиаш нигоҳ доштани миқдори наонқадар калони воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ, ҳамчун ғайриқонунӣ интиқол додан (кашонидан) банду баст шуда наметавонад.

Масъалаи дар кирдори шахс ҷой доштани ғайриқонунӣ интиқол додан ва тафовути таркиби ҷинояти қайдшуда аз ғайриқонунӣ нигоҳ доштани воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ҳангоми сафар кардан, бояд аз тарафи суд дар ҳар як ҳолати мушаххас бо назардошти самти қасд, мақсади сафар ва воситаи нақлиёти истифодашуда, миқдор, ҳаҷм ва ҷои бозёфти воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ва ҳамаи дигар ҳолатҳои кор ҳал карда шавад.

е) Таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ фиристонидан бояд тавассути почта, бағоҷ, бо истифодаи воситаҳои дастӣ ё дигар намуд, аз ҷумла бо истифодаи ҳайвонот, паррандаҳо ва ғайраҳо ирсол доштан, аз як ҷой ба ҷои дигар равон кардани воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо бе иштироки ирсолкунанда фаҳмида шавад.

4. Бо назардошти он, ки ғариқонунӣ истеҳсол, тайёр кардан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодани воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо бидуни мақсади ба соҳибияти каси дигар додан аз ба ҳамин монанд кирдорҳо, ки бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, содир шудааст, бо оқибатҳои ҳуқуқиашон фарқ мекунанд, судҳо аз рӯи ҳар як парванда бояд мақсади соҳиб шудан ё нигоҳ доштани воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳоро муайян намоянд.

Таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр кардан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо аз лаҳзаи содир намудани ҳаракатҳои зикршуда бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳо ва моддаҳои қайдшуда, тамомшуда ба ҳисоб меравад.

5. Таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо бояд бо ҳар роҳ - бомузд ё бемузд ба соҳибияти шахси дигар додани онҳо (фурӯхтан, тӯҳфа додан, иваз кардан, пардохти қарз, ҳамчун қарз додан ва ғ.), ҳамчунин дигар роҳҳои паҳнкунӣ, масалан бо роҳи инъекция кардани воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ, фаҳмида шавад. Дар баробари ин, ҳолати аз ҷониби як шахс бо роҳи инъексия ба шахси дигар гузаронидани воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ, ки агар воситаҳо ё моддаҳои қайдшуда ба худи истеъмолкунанда тааллуқ дошта бошад, ҳамчун ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додан банду баст кардан номумкин аст.

Дар бораи қасди ба соҳибияти каси дигар додан, метавонанд ҳам мавҷудияти мувофиқаи марбута бо истеъмолкунанда ва ҳам дар дигар ҳолатҳои кор: соҳиб шудан, тайёр кардан, коркарди воситаҳо ё моддаҳои қайдшуда аз ҷониби шахсе, ки худаш истеъмолкунанда намебошад, миқдори калон, баркашида коғазпеч кардашуда ва ғайра, ки барои ба соҳибияти каси дигар додан қулай карда шудааст, шаҳодат диҳанд.

Дар ҳолате, ки бо хоҳишу маблағи шахси истеъмолкунандаи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ шахси дигар чунин воситаю моддаҳоро барояш соҳиб шавад, дар чунин ҳаракати шахс қасди ба соҳибияти каси дигар додан ҷой надорад.

Кирдори шахсе, ки бо роҳи фиреб бо мақсади аз худ намудани маблағи пулӣ ё амволи шаҳрвандон ба ҷои воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо, дигар маводҳои ғайрро ба соҳибияти каси дигар медиҳад, бояд ҳамчун қаллобӣ банду баст карда шавад.

Харидорон дар ин ҳолатҳо барои суиқасди ғайриқонунӣ соҳиб шудани воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Агар дар таркиби воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳои аз шахс гирифташуда моддаҳои ғайре, ки мавҷудияти онҳоро ин шахс намедонист, ошкор карда шаванд, он гоҳ ҳаракатҳои ин шахс аз рӯи равиши қасди ӯ банду баст карда мешавад.

6. Ҳаракатҳои шахсро дар ҳамон ҳолат бо қисми 2 моддаҳои 200, 201, 202 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст кардан мумкин аст, ки агар аз ҷониби ӯ кирдори дар қисми 1 ҳамин моддаҳо пешбинишуда, вобаста ба миқдори калони воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ, ки дар Номгӯй муқаррар шудааст, содир шуда бошад.

7. Такроран - ин аз ҷониби шахс ду маротиба ё зиёда аз он содир намудани яке аз ҷиноятҳои дар моддаҳои 200-205 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо мефаҳмонад, ки агар шахс барои содир намудани онҳо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда нашуда бошад ё ин, ки доғи судияш барои ин ҷиноятҳо мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун, барҳам хӯрда ё бардошта нашуда бошад.

8. Аз ҷониби гурӯҳи шахс бо маслиҳати пешакӣ содир намудани ҷиноят дар он ҳолат ҷой дошта метавонад, ки агар дар содир намудани он ду ва зиёда шахс иштирок карда, дар хусуси якҷоя содир намудани он кирдор пешакӣ маслиҳат карда бошанд. Шакли маслиҳат барои банду басти кирдор аҳамият надорад.

Дар ҳолатҳое, ки як шахс воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳоро ба соҳибияти каси дигар медиҳаду, охирин онҳоро соҳиб мешавад, дар ин маврид аломати бандубасткунандаи дар боло муҳокимашуда ҷой надорад.

Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои мазкур, ки аз ҷониби гурӯҳ содир шудаанд, бояд нақш ва дараҷаи ширкати ҳар кадом иштирокчӣ дар алоҳидагӣ муайян карда шавад.

9. Кирдорро бо аломати дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок содир намудани ҷиноят, танҳо бо шартҳои дар моддаи 21 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додашуда, банду баст намудан мумкин аст.

Дар баробари ин бояд дар назар дошт, ки доғи судӣ барои ҷиноятe, ки шахс то синни ҳаждаҳсолагӣ содир намудааст, инчунин доғи судие, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 84 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам хӯрда ё бардошта шудааст, ҳангоми эътирофи ретсидиви ҷиноят ба эътибор гирифта намешавад.

Ретсидиви хавфнок ё ретсидиви махсусан хавфнок аломатҳои бандубасткунандаи таркиби ҷиноят буда, бояд ба гунаҳгор аз тарафи мақомоти тафтишоти пешакӣ дар айбнома дарҷ ёфта шуда бошад.

10. Мувофиқи моддаи 58 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳалли адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ колонияҳои ислоҳии сукунат, колонияҳои ислоҳии дорои низоми умумӣ, пурзӯр, сахт, махсус, маҳбас, барои ноболиғон колонияҳои тарбиявии дорои низоми умумӣ, пурзӯр ва изоляторҳои тафтишотӣ нисбати маҳкумшудагоне, ки барои иҷрои корҳои хизматрасонии хоҷагидорӣ мононда шудаанд, ҳисобида мешаванд.

11. Истифодаи мақоми хизматӣ ҳамчун аломати бандубасткунанда маънои онро дорад, ки гунаҳгор ҳангоми содир намудани ҷинояти бо воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо алоқамандбуда, бо истифодаи мақоми хизматӣ кирдори ғайриқонунӣ содир менамояд. Субъекти ҷинояти мазкур шахсе мебошад, ки дар ташкилотҳои давлатӣ ё ғайридавлатӣ (масалан, дар муассисаи табобатии бо шакли моликияти хусусӣ) хизмат менамояд. Ба ин ҳам шахси мансабдор ва ҳам бе мансаб, ки барои наздик шудан ба воситаҳо ва моддаҳои мазкур иҷозат доранд ё онҳое, ки барои иҷрои вазифаҳои хизматиашон алоқамандбуда дода шудаанд ё барои посбонӣ бовар карда шудааст, дохил шуда метавонанд. Инҳо метавонанд кормандони тиб (духтурон, ёварони духтур, дорусозон), кормандони корхонаҳое, ки дар онҳо воситаҳои нашъадор истеҳсол мешаванд, анборҳое, ки ин маводҳо нигоҳ дошта мешаванд, посбонон, қаравулон, намояндаҳои мақомотҳои ҳокимият ва дигарон бошанд.

12. Ҳангоми бо аломати бандубасткунандаи аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир намудани ҷинояти ба воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо алоқамандбуда, мутобиқи қисми 3 моддаи 39 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, сухан дар бораи гурӯҳи устувори шахсе меравад, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд. Дар баробари ин, ҳамаи иштирокчиёни гурӯҳи муташаккил новобаста аз иҷрои нақши ҳар кадоми онҳо дар муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо, ҳамиҷрокунандагони он эътироф мешаванд.

13. Ҳангоми бандубасти кирдори гунаҳгор ба аломати ба миқдори махсусан калон, бояд аз андозаҳои воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, ки дар Номгӯй нишон дода шудаанд, истифода намуд.

14. Ашёи ҷинояти дар қисми 4 моддаи 200 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо, ҳамчунин воситаҳои дар назорати махсус қарордошта, асбобҳо ва таҷҳизоте, ки барои тайёр кардани воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ истифода мешаванд, яъне мошинаҳо ё ҷиҳозҳое, ки дар завод тайёр шуда, барои ҳаб (таблетка) кардани воситаҳои нишондода; махлуткунакҳои дастӣ ва автоматии ҷавҳар ва воситаҳое, ки ба ҷиҳозҳои ошхонагӣ дохил намешаванд; масолеҳи нимтайёр; таҷҳизотҳои заводӣ барои хунук кардани моеъҳо ҳангоми кашида гирифтан ва соф кардан (ба истисноӣ яхдонҳои хонагӣ), ҳамчунин дастгоҳҳо барои кашида гирифтан ва соф кардан; дастгоҳҳо барои полонидани моеъҳо ва ғайраҳо мебошанд.

Барои бо қисми 4 моддаи 200 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст намудани кирдори гунаҳгор, дар ҳаракатҳои ӯ муайян намудани вайронкунии талаботҳои санадҳои меъёрие, ки қоидаи истеҳсол ва муомилоти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳоро танзим мекунанд, шарти зарурӣ мебошад. Аз ҷумла қоидаҳои баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ, бақайдгирӣ ва истифодаи воситаҳои доругии нашъадор ва ғайраҳо.

Воқеъияти вайрон кардани қоидаҳои нишондода аз тарафи шахсони мансабдор ва дигар шахс, ки аз рӯи кори ба зимаи онҳо гузошташуда барои риоя намудани қоидаҳои дар соҳаи мазкур муқарраршуда вазифадоранд, таркиби ҷинояти мазкурро ташкил медиҳад.

Ҷиноятҳои дар қисмҳои 1-3 моддаҳои 200-201 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда танҳо бо қасди бевосита содир шуданашон мумкин аст. Ҷиноятҳои дар қисми 4 моддаи 200 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда бошад (бо вайрон кардани қоидаҳои ба тайёр кардан (истеҳсол кардан) алоқамандбуда, ҳам бо қасди бевосита ва ё бо қасди бавосита содир шуданашон мумкин аст.

Дар ҳолати аз ҷониби шахси мансабдор аз беэҳтиётӣ вайрон кардани қоидаҳои дар қисми 4 моддаи 200 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондода, агар ин ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон ё ташкилотҳо, ё ин ки манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи ҷамъият ё давлатро қатъӣ вайрон карда бошад, ин кирдор бояд бо моддаи 322 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад.

Шахси мансабдоре, ки ба вайрон кардани ин қоидаҳо роҳ додааст, дар баробари содир намудани ҷинояти ба муқобили манфиатҳои хизмати давлатӣ (сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ, гирифтани пора ва диг.), аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳои дар қисми 4 моддаи 200 ва моддаҳои 314 ё 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда бояд ҷавобгар шавад.

15. Барои кирдорро бо моддаи 201 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст намудан зарур аст, ки ҳаракатҳои дар он нишондодашуда бидуни мақсади ба соҳибияти каси дигар додан содир шуда бошанд. Мафҳуми “бидуни мақсади ба соҳибияти каси дигар додан” маънои онро дорад, ки гунаҳгор воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳоро соҳиб шуда ё нигоҳ дошта, нияти ба ихтиёри дигар шахс додани онҳоро надошт.

16. Мувофиқи фаҳмиши моддаи 202 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ барои тасарруфи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо дар ҳолатҳои ғайриқонунӣ гирифтани онҳо аз шахси ҳуқуқӣ ва воқеъие, ки онҳоро дар асоси қонун ё ғайриқонунӣ, дар ихтиёр доранд аз он ҷумла бо роҳи ҷамъоварии зироатҳои нашъадор ё ин, ки қисмҳои онҳо (ғӯзаҳо ва пояҳои кӯкнор, пояҳои бангдона ва ғайраҳо) аз қитъаҳои заминҳои кишоварзӣ ва дигар корхонаҳо ва аз қитъаҳои заминҳои шаҳрвандон, ки дар онҳо ин зироатҳо нигоҳубин карда мешаванд, фаро мерасад.

Ҷамъоварии зироатҳои нашъадор аз саҳроҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ ва дигар корхонаҳо ва аз қитъаҳои заминҳои шаҳрвандон, ки онҳоро кишт ва парвариш накардаанд, тасарруф ҳисобида намешавад.

Ҳангоми банду басти кирдори шахсе, ки дар тасарруфи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо гунаҳгор аст, судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҷиноят вобаста аз шаклҳои тасарруфи воситаҳо ва моддаҳои зикршуда тамомшуда шуморида мешавад.

Дар назар доштан лозим аст, ки тасарруфи воситаҳо ва моддаҳои қайдшудаи дар моддаи 202 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондодашуда, дар шакли дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ суйиистифода аз ваколатҳои мансабӣ, роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ содир шуданашон мумкин аст.

Тасарруфи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо ва баъдан нигоҳ доштан, коркард, интиқол ё фиристонидан, ба соҳибияти каси дигар додани онҳо бояд аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳои дар моддаҳои 202 ва 200 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда банду баст карда шавад.

Тасарруф, ҳамчунин ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр кардан, ё ин ки соҳиб шудани воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо ва баъдан нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ё бидуни он, ҳамчунин ба соҳибияти каси дигар додани онҳо аломати такрориро, ки дар қисми 3 моддаҳои 200, 201 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ташкил намекунад.

Тасарруфи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо, ки аз ҷониби гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор содир шудааст, бояд аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳои бо моддаҳои 202 ва 186 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда банду баст карда шавад.

17. Таҳти мафҳуми моил кардан ба истеъмоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бояд ҳамагуна кирдори барқасдонае, ки ба бедор кардани хоҳиши шахси дигар барои истеъмоли онҳо равона карда шудаанд (розӣ кардан, таклиф намудан, маслиҳат додан ва ғайраҳо), ҳамчунин фиреб, зӯроварии руҳӣ ё ҷисмонӣ, маҳдуд кардани озодӣ ва дигар ҳаракатҳо, ки бо мақсади маҷбур кардани шахс ба қабули воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ таъсир расонида метавонад, фаҳмида шавад.

Барои ҷиноятро тамомшуда эътироф намудан амалан воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропиро истеъмол намудани шахс аҳамият надорад.

Агар шахси ба истеъмоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ моилкунанда айни замон онҳоро ба соҳибияти каси дигар диҳад ё барои тасарруф, ё ин ки соҳиб шудан, нигоҳ доштан, истеҳсол, тайёр кардан, коркард, интиқол ё фиристодан, кӯмак намояд, кирдори ӯ бояд бо моддаи 203 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисмҳои дахлдори моддаҳои 200, 201 ё 202 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад.

18. Моил кардан ба истеъмоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ нисбати шахси баръало хурдсол ё ноболиғ маънои онро дорад, ки гунаҳгор аниқ медонист, ки ҷиноятро нисбати шахси ба 14-солагӣ ё 18-солагӣ нарасида, содир карда истодааст.

19. Кирдори шахсе, ки ба бедор кардани хоҳиш ба истеъмоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ нисбати ду ё зиёда шахс равона карда шудааст, новобаста аз он, ки ин ҳаракатҳо нисбати якчанд шахс дар як вақт ё нисбати ҳар кадоми онҳо дар лаҳзаҳои гуногун содир шудааст, бояд бо моддаи 203 қисми 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад.

20. Зӯроварӣ ҳамчун аломати бандубасткунандаи банди "г" қисми 2 моддаи 203 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон маънои онро дорад, ки зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ (таҳдиди зӯроварии ҷисмонӣ) бо мақсади моил кардани шахси дигар ба истеъмоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ истифода шудааст. Зӯроварии ҷисмонӣ дар расонидани зарари сабук ё миёна ба саломатии ҷабрдида, азобу уқубат додан, ҳамчунин дар кирдорҳои дигари зӯроварона, ки ба саломатӣ зарар нарасидааст (зарба задан, лату куб намудан, маҳрум ё маҳдуд кардан аз озодӣ ва ғайраҳо) ифода меёбад. Таҳдид намудан тарсонидани ҷабрдидаро аз расонидани чунин зарари ҷисмонӣ дар назар дорад. Лекин, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ҳангоми моил кардан ба истеъмоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо маҷмӯи ҷиноятҳои дар моддаи 110 ва банди "г" қисми 2 моддаи 203 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда банду баст карда мешавад.

21. Моил кардан ба истеъмоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропиро, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гардидааст, диспозитсияи қисми 3 моддаи 203 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад ва ин ба таври иловагӣ бо қонуни ҷиноятие, ки ҷавобгариро барои аз беэҳтиётӣ ба марг расондан пешбинӣ намудааст, банду баст намуданро талаб намекунад.

Таҳти мафҳуми дигар оқибатҳои вазнин, ки дар қисми 3 моддаи 203 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд, аз тарафи ҷабрдида худкушӣ ё сӯиқасд ба худкушӣ намудан, дар ӯ авҷ гирифтани мӯҳтоҷии нашъамандӣ, гирифтор шудан ба касалии вазнини бо истеъмоли воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ алоқамандбуда, сироят кардан ба инфексияи ВИЧ ва ғайраҳо фаҳмида мешавад.

22. Таҳти мафҳуми парвариши ғайриқонунии зироатҳои дорои моддаҳои нашъаовари кишташон манъшуда, ки дар моддаи 204 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикситон пешбинӣ шудааст, бояд бе иҷозати лозимӣ, дар ҳамагуна қитъаҳои замин, аз он ҷумла дар заминҳои холӣ рӯёнидани зироатҳои қайдшуда, коркард, нармкунии хок, ҳамчунин кишт ва парвариши ин зироатҳо, фаҳмида шаванд. Ба ғайр аз ин, таҳти мафҳуми парвариш намудан, бояд такмилдиҳии технологияи рӯёнидани зироатҳои қайдшуда, баровардани навъҳои нав, баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо, мустаҳкам намудани устуворӣ ба шароити обу ҳавои номувофиқ, фаҳмида шавад.

Таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ кишт намудани зироатҳои дорои моддаҳои нашъаовари кишташон манъшуда, бо мақсади парвариш намудани чунин зироатҳо, ба хок пошидани (кишт

намудани) тухмӣ ё шинондани кӯчатҳо фаҳмида мешавад. Ҷиноят аз лаҳзаи кишт намудан, бе назардошти дар оянда баромадан ё нашъунамои зироатҳо, тамомшуда ҳисобида мешавад.

Таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ парвариш намудани зироатҳои дорои маводҳои нашъаовар бояд нигоҳубини (об додан, хишова кардан, нурӣ пошидан ва ғайраҳо) кишт ва майсаҳо бо мақсади ин зироатҳоро то марҳилаи пухта расиданашон, яъне то вақте ки онҳо барои тайёр кардани воситаҳои нашъадор коршоям мегарданд, фаҳмида мешавад.

23. Ба судҳо фаҳмонда шавад, ки ҳангоми бо роҳи қочоқ аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни назорати гумрукӣ ё пинҳонӣ аз назорати гумрукӣ баровардан ва ба ҷумҳурӣ ворид намудани маводҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо кирдори гунаҳгорон ба маҷмӯи ҷиноятҳои дар моддаҳои 200, 201 ва 289 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда банду баст карда мешавад.

24. Таҳти мафҳуми фасодхона бояд манзил (истиқоматгоҳ, утоқ, боғот (дача), хона) ё бинои ғайриманзилӣ (таҳхона, боми хона, оғил, гараж, анбор ва ғайраҳо), ки аз тарафи гунаҳгор мунтазам барои истеъмоли маводҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ пешниҳод карда мешавад, фаҳмида шавад.

Ташкили фасодхона кирдореро ифода мекунад, ки ба созмондиҳии фасодхона, масалан, ҷустуҷӯ кардан, киро кардан, мувофиқ кунондани бино, таҷҳизондани он равона карда шудааст.

Таҳти мафҳуми нигоҳ доштани фасодхона маҷмӯи кирдорҳое дар назар дошта мешаванд, ки барои таъмину ташкили фасодхона (таъминоти моддии он, муҳофизат, таъмир намудан, ташкили рӯбучини бино, хизматрасонии мизоҷон ва ғайра) равона карда шудаанд.

Ҷинояти мазкур метавонад бо моил кардан ба истеъмоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ, ба соҳибияти муштариёни фасодхона додани он, иртибот дошта бошад. Дар ин ҳолат кирдори гунаҳгорро мувофиқан барои маҷмӯи ҷиноятҳои бо моддаҳои 205 ва 203 ё ин, ки моддаҳои 205 ва 200 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда банду баст намудан лозим аст.

25. Ҳангоми ҳалли масъалаи таъини ҷазо барои ҷиноятҳое, ки бо маводҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо алоқаманданд, мутобиқи талаботи қонун бояд, хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳгор, ҳолатҳои, сабуккунандаю вазнинкунандаи ҷазо, ҳамчунин таъсири ҷазои таъиншуда барои ислоҳшавии маҳкумшудаю ба шароити зиндагии оилаи ӯ, ба инобат гирифта шаванд.

Ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, ё шартан татбиқ накардани ҷазо танҳо дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳое, ки дар моддаҳои 63 ва 71 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, бо ҳатман дар ҳукм нишон додани асосҳои қарори қабулшуда таъин намудан мумкин аст.

Ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо нисбати шахсе, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум мешаваду ба табобат аз нашъамандӣ эҳтиёҷманд мебошад, бояд дар ҳар кадом ҳолат масъалаи мувофиқи қисми 5 моддаи 71 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба зиммаи ӯ ӯҳдадории гузаштани даври муолиҷаи нашъаманадӣ муҳокима карда шавад. Аз тарафи шахси мазкур, дар рафти мӯҳлати санҷишӣ иҷро накардани ӯҳдадории нишондода, барои бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳал кардани масъалаи бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ва иҷро намудани ҷазои бо ҳукми суд таъиншуда, асос шуда метавонад.

26. Судҳо бояд талаботи қонунро оид ба татбиқ намудани ҷазои иловагӣ дар намуди мусодираи молу мулк нисбати шахсе, ки барои ҷиноятҳои марбут ба воситаҳои нашъаовар, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо маҳкум шудаанд, риоя намоянд.

Дар он мавриде, ки ин чораи ҷазо дар қонун ба сифати ҳатмӣ пешбинӣ шудааст, судҳо метавонанд онро танҳо дар сурати ҷой доштани шартҳои дар моддаи 63 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, бо ҳатман дар қисми асосноккунонии ҳукм нишон додани қарори қабулшуда, татбиқ накунанд.

Агар дар қонун мусодираи молу мулк чун интихобӣ (алтернативӣ) нишон дода шуда бошад, судҳо бояд масъалаи нисбати гунаҳгорон татбиқ кардан ё татбиқ накардани ин чораи иловагии ҷазоро муҳокима намоянд.

Ба судҳо фаҳмонида шавад, ки дар асоси моддаи 78 КМҶ пул ва дигар сарватҳои ба гунаҳгорон тааллуқдошта, ки бо роҳи ҷинояткорӣ ба даст оварда шудааст, бояд ба фоидаи

давлат гузаронида шаванд, тақдири далелҳои шайъӣ ба иртиботи парвандаҳои категорияҳои мазкур бошад, бояд мутобиқи моддаи қайдшуда ва Дастурамал "Дар бораи кашида гирифтан, ба қайд гирифтан, нигоҳ доштан, супоридан ва нест кардани воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, ки дар муомилоти ғайриқонунӣ мебошанд", ҳал карда шавад. Дар ҳолатҳои бо асосҳои пешбининамудаи сархатҳои якум ва дуюми қисми 1 моддаи 230-и КМҶ боздошта шудани тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ба миқдори калон ё махсусан калон дар асоси қарори муфаттиш ва бо розигии прокурор, бо иштироки ҳатмии мутахассис ва шахсони холис бо татбиқи сабти видео ва аксбардорӣ аз ҳаҷми умумии далелҳои шайъӣ барои ҳамроҳ намудан ба парвандаи ҷиноятӣ намунаҳо мутаносибан ба андозаи на камтар аз ҳадди ибтидоии миқдори калон ё махсусан калони воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, ки дар замимаи 1-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ҷудо карда гирифта мешаванд. Қисми боқимондаи воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нобуд карда мешавад.

Автомобилҳо, мототсиклҳо ва дигар воситаҳои наҳлиёт, ки ба айбдоршаванда тааллуқ дошта, ба сифати олоти ҷиноят ҳангоми содир намудани ҷиноятҳои бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо алоқамандбуда, истифода шудаанд, бояд мусодира карда шаванд.

27. Ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятии марбут ба воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ судҳоро лозим аст, ки ба табобат аз нашъамандӣ эҳтиёҷманд будани судшавандаҳоро муайян намоянд. Мутобиқи қисми 2 моддаи 98 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳкумшудае, ки ба табобат аз нашъамандӣ эҳтиёҷмандбуда эътирофшудааст, суд дар баробари ҷазо метавонад, мувофиқи моддаи 101 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббиро таъин намояд, ки тибқи қисми 1 моддаи 103 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷроиши он дар ҳаққи шахси ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда, дар маҳали адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, нисбат ба дигар намуди ҷазо маҳкумшудагон бошад, дар муассисаҳои дахлдори мақомоти тандурустӣ, ба амал бароварда мешавад.

Дар баробари ин, дар назар бояд дошт, ки хулосаи тиббӣ оиди ҷой доштани бемории нашъамандӣ, зарурияти табобати маҷбурӣ ва зарарнок набудани муолиҷаи он, бояд аз ҷониби комиссияе, ки аз намояндагони муассисаҳои наркологӣ иборат буда, аз тарафи ҳамаи аъзои он имзо шудааст, дода шуда бошад.

28. Хавфнокии баланди ҷамъиятӣ доштани ҷиноятҳои бо муомилоти ғайриқонунии анвои нашъа алоқамандбударо ба инобад гирифта, судҳо бояд дар ҳар ҳолатҳои зарурӣ бо роҳи баровардани таъинотҳои (қарорҳои) хусусӣ ба сабабу шароитҳое, ки дар рафти мурофиаи судӣ муайян карда шудаанду ба содиршавии ҷиноят мусоидат намудаанд, ҳамчунин ба камбудиҳои дар фаъолияти мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ оиди ошкор намудани ташкилотчиёни гурӯҳҳои ҷиноятkор, манбаи ба даст овардани воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо ва роҳҳои ба соҳибияти каси дигар додани онҳо, беасос боз доштан, ба истеҳсолоти алоҳида ҷудо кардани қисми маводҳои кор аз парвандаи ҷиноятӣ, инкор кардани Дастурамал "Дар бораи ба қайдгирии ягонаи ҷиноятҳо" ва ғайраҳо, эътибор диҳанд.

29. Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки тибқи моддаи 388 КМҶ суде, ки ҳукм баровардааст вазифадор аст, ки иҷроиши онро дар қисми далелҳои шайъӣ, яъне воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо дар зери назорат гирад.

Мақомоти иҷрокунандаи ҳукм дар қисми далелҳои шайъӣ, бояд судеро, ки ҳукмро баровардааст, дар бораи иҷро шудани он фавран хабардор намоянд.

30. Ҳангоми дида баромадани маводҳо оиди шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод кардан, ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо ё ба колонияҳои ислоҳии дорои низоми сабуктари нигоҳдорӣ гузаронидани шахсе, ки барои ҷиноятҳои марбут ба воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, ба судҳо лозим аст, ки ба ғайр аз шартҳои дар моддаҳои 76, 77 КҶ Ҷумҳурии Тохикистон пешбинишуда, ҳамчунин ҳолатҳоеро, ки аз рафтори маҳкумшуда, муносибати ӯ ба меҳнат ва таълим, иштирокаш дар кори ташкилотҳои худфаъолият ва чорабиниҳои тарбиявӣ

шаҳодат дода, ислоҳшавии ӯро собит месозанд пурра ва ҳарҷониба таҳқиқ намуда ба онҳо баҳои ҳуқуқӣ диҳанд.

31. Аҳамияти парвандаҳои марбут ба воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳоро ба инобат гирифта ба судҳо тавсия дода шавад, ки таҷрибаи баррасии судии парвандаҳои қайдшударо мунтазам ҷамъбаст намуда бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида, таҷрибаи якхелаи татбиқи қонун ва пешгирии ҷиноятҳои қайдшуда фикру мулоҳизаҳояшонро ба шахсони мансабдор ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ирсол намоянд.

32. Ба судҳои марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ тавзеҳот дода шавад, ки назоратро дар бобати аз тарафи судҳои зинаи якум баррасӣ намудани парвандаҳои бо воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо алоқамандбуда пурзӯр намоянд.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Фатҳиллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **З.Н.Азизов**